Ба Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА.030
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**
**ба диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ)**

Раванди ташаккулёбии системаи сиёсӣ ва таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию амалии он яке аз масъалаҳои муҳимтарини илмҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Зеро устуворӣ ва ташаккулёбии системаи сиёсии ҷомеа кафили сулҳу субот ва баёнгари дурнамои рушди ҷомеа дониста мешавад. Омӯзиш ва таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни ин масъала дар замони муосир диққати сиёсатшиносонро аз ҳарвақта дида бештар ба худ ҷалб менамояд. Дигаргуншавии системаи сиёсиро дар ҳар марҳилаи рушди ҷамъиятӣ мушоҳида намудан мумкин аст, аммо дар давраи гузариш ин раванд хусусиятҳои хосро ба худ мегирад. Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз сохтори сотсиалистию коммунистӣ ба сохтори сармоядорию демократӣ ворид шуд, раванди дигаргуншавии системаи сиёсӣ ва ташаккулёбии таркибии он доимо ба назар мерасанд. Дар раванди ташаккулёбии системаи сиёсӣ омилҳои гуногун таъсиргузор аст. Аз ҷумла, масъалаҳои иҷтимоию фарҳангӣ, иқтисодию сиёсӣ ва дигар омилҳои ба инҳо монанд метавонанд таъсири гуногун расонанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки системаи сиёсии демократӣ татбиқ гардида истодааст, дар самти такмил ва ташаккули он монеаҳои гуногун ба мушоҳида мерасад. Рушди минбаъдаи системаи сиёсии Тоҷикистон аз ҳалли масъалаҳои ҷойдошта ва бартараф намудани таъсири манфии омилҳои номбаргардида вобастагии калон дорад. Махсусан, масъалаи маданияти сиёсӣ, шуури сиёсӣ, рафтори сиёсӣ, самаранокии идоракунии давлатӣ ва фаъолгардонии нақши институтҳои сиёсӣ хеле муҳим ба назар мерасанд. Мубрамияти мавзӯи интихобгардида, пеш аз ҳама, бо чунин масъалаҳо асоснок мегардад. Гузашта аз ин, системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раванди ташаккулёбии он то ба имрӯз ба таври комил таҳқиқ нагардидааст. Аз ин рӯ, омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили масъалаҳои муҳимтарини системаи сиёсии Тоҷикистон, аз ҷумла, ҷанбаҳои назариявию методологии он, баланд бардоштани самарнокӣ ва таъмин намудани устувории он иқдоми муҳим ва

саривақтӣ мебошад. Дар таҳқиқоти Қаландаров Кароматулло Қаландарович чунин масъалаҳо ба инобат гирифта шуда, дар маркази диққати муаллиф қарор дода шудаанд. Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳимияти омӯзиши мавзӯъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши мавзӯи интихобшуда таҳлилу баррасӣ гардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот нишон дода шудаанд. Инчунин, дар муқаддима асосҳои методологии таҳқиқот, навоварии илмӣ, бандҳои муҳими барои ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, сатҳи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия нишон дода шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия, ки аз ду зербоб иборат мебошад, ҷанбаҳои назариявию методологии таҳқиқи системаи сиёсии ҷомеа омӯхта шуда, дар он муаллиф дар заминаи таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ паҳлуҳои гуногуни раванди ташаккулёбии назарияи системаи сиёсиро нишон додааст. Инчунин дар ин қисми таҳқиқот сохтори системаи сиёсӣ, унсурҳои таркибии он, аз ҷумла давлат ҳамчун институти сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар унсурҳои меъёрии системаи сиёсӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар таҳқиқоти худ муаллиф кӯшиш намудааст, ки фаҳмиши системавӣ ва таҳлили системавии ҳаёти сиёсии ҷомеаро муайян намуда, бо ин тартиб моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи системаи сиёсии ҷомеаро нишон диҳад. Таҳлили асосҳои назариявии системаи сиёсӣ ба муаллиф имкон додаанд, ки шакл ва тарҳи мушаххаси системаҳои сиёсӣ мураттаб гардонида шуда, таҳлили муқоисавии онҳо вобаста ба айният ва тафовуташон ба амал бароварда шавад. Ҳамзамон донистани асосҳои мазкур боис мешавад, ки омилҳои системаи сиёсиро фарогиранда ва ангезаҳои «воридшавӣ» ва «хориҷшавӣ»-и системаи сиёсӣ таҳлил ёбанд.

Агарчанде системаи сиёсӣ ҳамчун зерсистемаи ҷамъиятӣ баромад намояд ҳам, он дар бисёр ҳолат нисбат ба зерсистемаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва умуман, системаи ҷамъиятӣ нақши муайянкунандагӣ мебозад. Маҳз ба воситаи системаи сиёсӣ механизми табдили манфиату талаботи гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ (миллатҳо, синфҳо, умумиятҳо, наслҳо ва ғ.) дар шакли қарорҳои мушаххаси сиёсӣ имконпазир мегардад.

Унсури муҳимтарини системаи сиёсиро давлат ташкил медиҳад, ки доираи муташаккилгардонии тамоми ҷомеаро ба амал мебарорад. Он ҳамчун институти асосии системаи сиёсӣ меъёрҳои мухталифро дар ҷомеа муқаррар намуда, шароити мусоидро баҳри фаъолияти самараноки ташкилотҳои гуногун фароҳам оварда, аз болои ҳамаи онҳо назорат мебарад. Раванду ҳодисаҳои гуногуни ҳаёти сиёсиро дар алоқамандӣ бо масъалаи давлат метавон дарк намуд. Ба ҳамин хотир, давлат дар таркиби системаи сиёсӣ мақоми барҷаста дошта, нақши нисбатан назаррасро мебозад. Маҳз тавассути давлат доираи мухталифи манфиатҳои

сиёсӣ ифодаи худро ёфта, падидаву равандҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ ба низом даровvarда мешаванд. Вазифаи танзимнамоии ин унсури муҳими системаи сиёсӣ боиси фаъолияти пурсамари унсурҳои дигари системаи сиёсӣ гашта метавонад. Ягонагӣ ва устувории системаи сиёсӣ ва умуман ҷомеа вобаста ба амалишавии вазифаи танзимнамоии давлат мебошад. Дар пайвастагӣ бо мақом ва нақши давлат дар таркиби системаи сиёсӣ метавон баён кард, ки он тамоми равандҳои идории ҷомеаро бар ӯҳда дошта, ба соҳаҳои дигари ҳаёти иҷтимоӣ таъсири назаррас мерасонад.

Боби дуюми диссертатсия аз се зербоб иборат мебошад, ки онҳо ба таҳлили масъалаҳои гуногуни ивазшавии системаи сиёсӣ, гузариш аз як система ба систами сиёсии дигар, хусусиятҳои муҳимми раванди тағйирпазирии системаи сиёсӣ ва раванди дигаргуншавии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ба даст овардани истиқлолият бахшида шудаанд. Инчунин дар ин қисми таҳқиқот заминаҳои гуногуни ташаккули системаи сиёсии ҷомеа, монеаҳо ва сабабҳои бухронии ин раванд, ниҳодҳои асосии ташаккулдиҳандаи системаи сиёсии ҷомеа низ омӯхта шудаанд. Зербоби охирини диссертатсия ба таҳлилу баррасии ҷанбаҳои муҳимтарини татбиқи меъёрҳои демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилот ва дурнамои рушди системаи сиёсии демократии кишвар бахшида шудааст.

Дар таҳқиқоти мазкур давраи гузариш ҳамчун бартарафсозандаи арзишҳо ва анъанаҳои ғайрисамаранок ва имконияти ба вуҷуд оварадани мақсаду ҳадафҳои нав муайян карда мешавад. Дар давраи гузариш ҳар як ҷомеа бе истисно ба зарурати омехтагардонии унсурҳои меросии хеш ва падидаҳои нав рӯ ба рӯ мешавад. Он аз бисёр ҷиҳат ҳолати номутаносиби ҳаёти иқтисодию сиёсии ҷомеаро дар худ ифода менамояд. Дар ин мархила биниш ва тафаккури одамон ва умуман шуури ҷамъиятӣ дигаргун гашта, меъёр, талабот, манфиат ва мақсадҳои тамоми унсурҳои таркибии ҷомеа дигаргун мешаванд.

Амалишавии тағйирпазирии системаи сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон дар марҳалаҳои гуногун амалӣ гардидаанд. Дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза тӯли асрҳо сохти анъанавӣ ҳукмфармо буд. Баъд аз Инқилоби Октябр Тоҷикистон ба марҳилаи сифатан нав ворид гардид. Ин давраро низ ҳамчун марҳилаи тағйирпазирии системаи сиёсии Тоҷикистон муайян кардан мумкин аст. Зеро дар ин давра арзишҳо ва институтҳои наве пайдо шуданд, ки «ҷаҳиш»-и кишварҳои Осиёи Марказиро аз сохти феодалӣ ба сотсиализм таъмин намуданд. Гарчанде Иттиҳоди Шӯравӣ сохти тоталитарии давлатдориро пеша намуд, вале он дар инкишофи таърихи сиёсии мардуми минтақа, аз ҷумла тоҷикон нақши бузург бозидааст.

Таҳлили ҳамаҷонибаи равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар хусусияти демократӣ гирифтани системаи сиёсии кишвар

зиддият ва ҳолатҳои гуногуни муқовиматӣ метавонанд ҳамчун монеа баромад кунанд. Аз ин сабаб, таҳқиқи тамоми омилҳои объективию субъективӣ, ғояҳои гузашти ақлонӣ ва консепсияи рушди устувор, имрӯз, воқеан метавонанд дар ҳалли масоил ва зиддияту мухолифатҳои гуногуни кишвар нақши мусбат бозанд. Амалияи сиёсӣ ва воқеияти раванди давлатсозӣ аз он далолат медиҳад, ки дар роҳи бартарафнамоии ҳолатҳои мухталифи муқовиматӣ аҳамияти муҳимро шуури сиёсӣ ба худ касб менамояд.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳизбҳои сиёсӣ, сохторҳои гуногуни давлатӣ, ташкилот ва созмонҳои мухталифи миллию эҷодӣ мавҷуданд ва фаъолияти гуногунҷабҳа мебаранд. Ҳадафи ҳамаи онҳо бояд ризоияти миллӣ ва сохтори давлати демократию ҳуқуқӣ ва дунявӣ бошад. Тамоми ташкилоту созмонҳои ғайридавлатӣ бояд сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии кишварро аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ намоянд. Дар қатори институтҳои давлатӣ онҳо бояд баҳри тарбияи ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа, хусусан қишри осебпазири ҷомеа, яъне ҷавонон бояд камари ҳиммат банданд. Танҳо дар ин ҳолат дар бораи фароҳамоварии рукнҳои давлатдории навини миллӣ ва мустаҳкам гардонидану рушди системаи сиёсии демократӣ сухан гуфтан мумкин аст.

Дар диссертатсияи омодагардида як қатор масъалаҳо бо диди нав таҳлилу баррасӣ шудаанд. Онҳо ба таври зайл нишон дода шудаанд:

- мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои системаи сиёсӣ таҳлили ҳамаҷонибаи худро бо назардошти ҷиҳатҳои пешин ва воқеияти муосири ҳаёти сиёсӣ ёфтаанд (Саҳ. 21-58);

- мақом ва нақши системаи сиёсӣ дар алоқамандӣ бо ҳаёти сиёсӣ нишон дода шуда, ҳамзамон падидаи мазкур ҳамчун омили меҳварӣ дар рушди ҳаёти ҷомеа муайян гардидааст (Саҳ.58-91);

- хусусиятҳои асосии трансформатсияи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба давраи гузариши кишвар ошкор гардида, ҷиҳатҳои нави ин падидаи муҳими ҳаёти сиёсӣ зимни назардошти воқеияти ҷамъиятӣ дарҷ ёфтаанд (Саҳ.92-117);

- асосҳои сиёсию ҳуқуқии амалишавии системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон вобаста ба хусусиятҳои демократиаш нишон дода шудаанд (Саҳ.118-139);

- масъалаҳо ва мушкилоти пешрафти системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон муайян гардида, ҳамзамон дурнамои рушди он дар шароити имрӯзаи кишвар ба таври лозимӣ мушаххас гардонида шудааст (Саҳ.140-154).

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва сарчашмаҳои иттилоотии истифодашуда асоснок карда мешаванд. Методҳои илмии истифодашуда бо ихтисоси аз ҷониби муаллиф интихобшуда пурра мувофиқат менамоянд. Хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар диссертатсия таҳиягардида натиҷаҳои таҳқиқотро инъикос менамоянд. Автореферат мазмуну

мундариҷаи таҳқиқотро пурра дар бар мегирад. Хулосагириҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таҳқиқотӣ ҳангоми баррасии минбаъдаи масъалаи системаи сиёсии ҷомеа метавонад истифода гардад. Фаъолияти таҳқиқотӣ ва хулосаҳои илмии он дар ҳақиқат дар омӯзиши шаклгирии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ва рушди системаи сиёсии он басо муҳим ба назар мерасад. Натиҷаҳои кори илмӣ таҷассумгари таҳаввулоти сифатии даврони ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ мебошад. Кори диссертатсионӣ боз аз он ҷиҳат муҳим ба назар мерасад, ки дар баробари ифодаи унсурҳои назариявӣ ҷанбаҳои амалии шаклгирии системаи нави сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи дигаргуншавии ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ дар худ инъикос менамояд.

Дар таҳқиқоти мазкур дар баробари муваффақиятҳои муаллиф ва дар баробари паҳлуҳои мусбати диссертатсия, инчунин баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1.Муаллиф дар таҳқиқоти худ дар бораи нақши идоракунии сиёсӣ дар ташаккули системаи сиёсии ҷомеа таваҷҷуҳи камтар додааст. Зеро яке аз омилҳои ташаккулёбии системаи сиёсӣ аз субъектҳои идоракунии сиёсӣ низ вобаста мебошад.

2.Хуб мешуд агар муаллиф системаҳои сиёсии замони шӯравӣ ва шароити имрӯзаро дар заминаи таҳлили муқоисавӣ таҳқиқ менамуд. Чунин таҳлил имкон медод, ки баъзе масъалаҳои ҳалталаби рушди системаи сиёсии демократӣ муайян карда шаванд.

3. Дар ташаккули системаи сиёсӣ омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, махсусан омилҳои фарҳангию маънавӣ таъсири амиқ мерасонанд. Агар масъалаи мазкур дар доираи зербоби алоҳида таҳқиқ мегардид, илмияти диссертатсия боз ҳам беҳтар мешуд.

Норасоиҳои мазкур ба илмияти таҳқиқоти анҷомёфта таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Зеро диссертатсияи барои тақризнависӣ пешниҳодшуда ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, дар он раванди ташаккулёбии системаи сиёсӣ дар шароити дигаргуншавии ҷомеа таҳқиқ гардидааст. Дар раванди таҳқиқот муаллиф доираи васеи адабиёти илмиро истифода намуда, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили онҳо моҳияти системаи сиёсӣ, хусусиятҳо ва заминаҳои рушду инкишофи он, омилҳои ташаккулёбии системаи сиёсии ҷомеаро баррасӣ намудааст. Адабиёти омӯхташуда, маводи истифодашуда, баррасиҳои муаллиф, хулосаҳои асосии диссертатсия, мазмуну мундариҷаи он, методҳои илмии истифодагардида бо ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мувофиқат менамоянд. Адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои илмии истифодашуда ба мавзӯи таҳқиқотӣ алоқаманд буда, ба муаллиф имкон додаанд, ки мақсади таҳқиқотро амалӣ намояд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардида, дар маҷаллаҳои илмӣ нашр шудаанд. Диссертатсия ва мақолаҳои илмии муаллиф бо риояи қоидаҳои иқтибосоварӣ таҳия гардида, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда тибқи талабот нишон дода шудаанд. Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқотро дарбар мегирад. Диссертатсияи мазкур кори мустақилона анҷомёфтае мебошад, ки сохтори он тибқи талаботи муқарраргардида таҳия шудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон)» ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Таҳқиқоти мазкур дар сатҳи илмӣ таҳия гардида, кори илмии мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Мавзӯи интихобгардида, мазмуну муҳтавои диссертатсия, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, мақолаҳои чопнамудаи муаллиф бо ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мувофиқат менамоянд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи мазкур ба талаботи муқараргардида ҷавобгӯ буда, муаллифи он Қаландаров К.Қ. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
ноиби ректор оид ба илм ва инноватсияи
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон _______________ Комилбек А.Ё.

Имзои Комилбек А.Ё.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Бобозода О.С. _______________

**Суроғаи муқарриз:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Тел.: +992935575855
E-mail: amid.komilbek@mail.ru